**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Гафарзода Мавҷуда Тахир, 27-уми октябри соли 1974 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 1995 Донишкадаи тиҷоратии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ хатм кардааст. Солҳои 1995-2000 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва қарз Донишкадаи тиҷоратии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2000- 2002 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2002 – 2006 оператори Маркази компютерии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2006 – 2019 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз 1 сетябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Гаффарзода М.Т. аз он бармеояд, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ин дастгири давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонӣ маҳз аз нерӯи созанда, санъату маҳорат ва ташаккули сармояи инсонӣ вобастагии зиёд дорад. Дар баробари мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодиёти муосир, татбиқи самарабахши сиёсати иҷтимоии давлат аз бисёр омилҳое вобаста аст, ки ба вазъи фаъолияти корхонаҳо ва муассисаҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд ва аз ин рӯ, зарурияти танзими давлатии фаъолияти онҳо ба миён омадааст.

Дар шароити муосир бахши иҷтимоии иқтисодиёти миллии аксарияти кишварҳо ва махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои дараҷаҳои гуногуни дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва мубрам мебошад.

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзуи кори диссертатсионӣ, ҳаҷми таҳқиқоти муаллиф, робитаи мавзуи диссертатсия бо мавзуи илмӣ ва барномаи таҳқиқотро асоснок мекунад, ки зимнан ҳадафҳои дахлдор муайян карда шуда, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, аз ҷумла фарзияҳои таҳқиқот, нуктаҳои навоварии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ тавсиф карда мешаванд, нашрияҳо дар мавзуи диссертатсия, инчунин сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои назариявию методии ташаккули механизми танзим ва дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ»- масъалаҳои муҳими соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллӣ, асосҳои методии дастгирию танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи хориҷии танзим ва дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия -** «Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» **-** баррасии заминаи институтсионалии сиёсати иҷтимоӣ, аз ҷумла дастгирии давлатӣ ба қишрҳои осебпазири аҳолии кишвар, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ корҳои таҳлилӣ гузаронида шуда, динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ таҳлил карда шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия -** «Самтҳои асосии такмили механизми дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - такмили асосҳои консептуалии танзим ва дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, инчунин коркарди тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва қонуниятҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир, ки бо истифодаи усулҳои маъмурию бозории идоракунӣ, инчунин тағйирёбии онҳо таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, инноватсионӣ дар ташкилу идоракунии фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ тавсиф ва мушаххас карда шудааст.

Акидаҳои дар боло зикршуда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, илмӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Заминаҳои назариявию метологиии таҳқиқот - ин назарияи заминасози иқтисодӣ, корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиёт, стратегия ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гаштаанд. Тавсияҳои назариявӣ ва методӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тадбиқ карда шудаанд ва дар таълими фанҳои омори иҷтимоию иқтисодӣ, назарияи умумии омор ва иҷтимоиёти меҳнат, менеҷменти иҷтимоӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда мешаванд.

Гафарзода Мавҷуда Тахир дар ҷараёни фаъолияти бисёрсолаи илмию омӯзгориаш, худро ҳамчун корманди соҳибтахассус нишон дода, дар ҳамбастагӣ корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва таҳқиқотию илммиро муваффақона ба сомон расонидааст.

Гафарзода М.Т. ҳамчун корманди соҳаи илм дорои хислатҳои ҷустуҷуву омӯзиши пайваста, эҷодкориву ҳадафмандӣ, қобилияти баланди меҳнатӣ ва масъулиятшиносӣ, маҳорати дар сатҳи баланд роҳандозӣ намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақил ва муайянсозии роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда мебошад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Гафарзода Мавҷуда Тахир бомуваффақият аз уҳдаи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии гузошташуда баромад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илми ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.и., и.в. профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати ДДТТ** **Мирзоалиев А.А.**

**Имзои «Мирзоалиев А.А.»-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

"15" январ 2025с.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН • ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ